**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара
_________д.и.и., профессор Хайрзода Ш.Қ.
«___22___» ____________________с. 2024

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара**

ба диссертатсияи Ҷурақулзода Умрон Шодиқул дар мавзуи «Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо)», ки барои дарёфти унвони илмӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара анҷом дода шудааст.

Муаллифи диссертатсия ассистенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара мебошад.

Мавсуф соли 2016 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси рӯзноманигорӣ хатм намудааст.

Давоми солҳои 2020-2023 дар шуъбаи аспирантураи назди Донишгоҳи давлатии Данғара ба ҳайси унвонҷӯ аз рӯи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) таҳсил намудааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илми филология, Шукуров Гулназар Холназарович мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Ҷурақулзода Умрон Шодиқул дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 28.10.2019, суратмаҷлиси №3 тасдиқ гардидааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ (фалсафа ва методологияи илм – бо баҳои «хуб», аз 18.02.2022; забони хориҷӣ – бо баҳои «хуб», аз 24.06.2022;) аз тарафи Донишгоҳи давлатии Данғара ва имтиҳони тахассусӣ бо баҳои «хуб», аз 24.10.2023 дар назди Институти забон ва дабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ дода шудааст.

Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Диссетатсия аввалин кӯшишест дар таҳлили хусусиятҳои луғавию морфологии ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод. Навгонии диссертатсияи мазкур дар он ифода меёбад, ки бори нахуст хусусиятҳои луғавию морфологии ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод (дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод ва луғатнома) аз нигоҳи хусусиятҳои сохторию

маъноии истилоҳоти иқтисодӣ, хусусиятҳои морфологӣ, тавсиф ва таснифи ҳиссаинуткии ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод мавриди таҳқиқ ва пажӯҳиши густурда қарор гирифтаанд. Дар диссертатсия, асосан, усули муқоиса, таҳлилу натиҷагирӣ дар асоси маводи мавриди таҳқиқ қарор гирифта истифода шудааст. Бо усули ташхис ва таҳлили мантиқӣ вижагиҳои луғавию маъноӣ ва сохтории ҳуҷҷаҳои меъёрии соҳаи иқтисод, хусусиятҳои морфологии ҳуҷҷаҳои меъёрии соҳаи иқтисод, тавсиф ва таснифи ҳиссаинуткии истилоҳои иқтисодӣ таҳқику баррасӣ шудаанд

**Объекти таҳқиқ.** Манбаъҳои асосии таҳқиқотро намунаи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод, луғатномаҳо ва китобҳои дар соҳаи ҳуҷҷатнигорӣ, ки бо забони тоҷикӣ нашр шудаанд, ташкил медиҳанд.

**Масъалаҳои таҳқиқот.** Дар диссертатсия ҳалли масоили зерин меҳвари таҳқиқотро дар бар мегиранд:

1. Истилоҳоти иқтисодӣ гурӯҳи махсуси воҳидҳои луғавии забони тоҷикиро ташкил дода, дар тарикби луғавии забони тоҷикӣ ҷойгоҳи хоса дорад. Бо он ки бо дигар гурӯҳҳои луғавӣ умумият доранд, бо як қатор хусусиятҳои худ аз дигар воҳидҳои забонӣ фарқ мекунанд.

2. Ташаккули истилоҳоти иқтисодӣ дар замони истиқлол бо хусусиятҳои маъноӣ, тахти омилҳои ғайризабонӣ сурат гирифта, барои такомули таркиби луғавии забони тоҷикӣ мусоидат кардаанд.

3. Заминаи пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули калима ва истилоҳоти соҳаи иқтисод таҷдиди муҳтаво ва сохтори системаи иқтисодии ҷомеаи навистиқлоли тоҷик буда, аз тарҷума, таҳия ё сохтани истилоҳоти нав дар забони ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод сарчашма мегирад.

4. Зуҳури падидаи нави иқтисодӣ ва ташаккули системаи бозорӣ барои такмили таркиби луғавии забони тоҷикӣ мусоидат карда, дар натиҷа воҳидҳои нави луғавӣ пайдо гардиданд, ки онҳо бештар дар забони ҳуҷҷатҳои расми- коргузории соҳаи иқтисод инъикоси худро ёфтаанд.

5. Хусусиятҳои морфологии ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод бо баррасии ҳиссаҳои нутқ дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод ва луғатномаҳо сурат гирифта, ҷиҳатҳои фарққунундаи ифодаёбии категорияҳои грамматикии ҳиссаҳои нутқ муайян карда шудаанд.

6. Корбурди ҳиссаҳои нутқ дар таркиби матни ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод таҳлил гардида, вобаста ба дараҷаи истеъмол тасниф карда шуданд.

**Методҳои таҳқиқ.** Дар рисола, асосан, усули муқоиса, таҳлилу натиҷагирӣ дар асоси маводи мавриди таҳқиқ қарор гирифта истифода шудааст. Бо усули ташхис ва таҳлили мантиқӣ вижагиҳои луғавию маъноӣ ва сохтории ҳуҷҷаҳои меъёрии соҳаи иқтисод, хусусиятҳои морфологии ҳуҷҷаҳои меъёрии соҳаи иқтисод, тавсиф ва таснифи ҳиссаинутқии истилоҳои иқтисодӣ таҳқиқу баррасӣ шудаанд.

Мундариҷаи диссертатсия ба талаботи таҳқиқоти соҳавӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) комилан мувофиқат мекунад.

Масъалаҳои асосии дар диссертатсия таҳқиқшаванда аз ҷониби роҳбари илмӣ тарҳрезӣ шудаанд. Муаллифи диссертатсия бо такя ба маводи фаровони осори бадеӣ ва луғатномаю донишномаҳо муҳимтарин хусусиятҳои луғавию маъноии калима ва истилоҳоти дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод истифодашуда, хусусиятҳои морфологӣ ва тавсифу таснифи ҳиссаинутқии маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод, луғатномаҳои иқтисодиро муайян кардааст. Дар диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф натиҷаи асосии таҳқиқ инъикос ёфтаанд.

**Навгонии илмии диссертатсия.** Диссетатсия аввалин кӯшишест дар таҳлили хусусиятҳои луғавию морфологии ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод. Навгонии диссертатсияи мазкур дар он ифода меёбад, ки бори нахуст хусусиятҳои луғавию морфологии ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод (дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод ва луғатнома) аз нигоҳи хусусиятҳои сохторию маъноии истилоҳоти иқтисодӣ, хусусиятҳои морфологӣ, тавсиф ва таснифи ҳиссаинутқии ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод мавриди таҳқиқ ва пажӯҳиши густурда қарор гирифтаанд.

**Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Омӯзиши хусусиятҳои луғавию морфологии ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод барои он муҳим мебошад, ки он барои таҳия ва танзими луғатномаҳо доир ба соҳаи иқтисод, таҳия ва сохтани хуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод, таълиму тадриси забони тоҷикӣ дар риштаи иқтисодӣ, навиштани китобҳои дарсии забони тоҷикӣ барои факултети иқтисод, таълими курсҳои махсус мусоидат мекунад.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 3 мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои бонуфузи илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, дарҷ ёфтааст. Чунончи:

1.Ҷурақулзода У.Ш. Корбурди наввожаҳо дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иҷтисод / У. Ҷурақулзода // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. –2020. –№3 (011). – С. 261-264.

2. Ҷурақулзода У.Ш. Ташаккули истилоҳоти соҳаи иқтисод ва таҳлили лексикии он. / У. Ҷурақулзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – 2022. – №6. – 131-137.

3. Ҷурақулзода У.Ш. Баррасии ҷанбаҳои назарии таҳқиқи истилоҳоти иқтисодӣ / У.Ҷурақулзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. –2023. – №3. – С. 234-240.

Муаллиф, инчунин оид ба баъзе паҳлуҳои мавзуи мазкур дар ҳамоиш ва конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ тайи солҳои 2019-2023 бо гузоришҳои илмӣ баромад намудааст, ки ин гузоришҳо ба сурати мақолаҳои алоҳида мунташир шудаанд.

Ҳангоми баррасии диссертатсияи унвонҷӯ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) ба ду ҷанбаи он ҳамчун норасоӣ ишора шуд, ки яке ба мукаммалтар намудани дараҷаи омӯзиши мавзуъ ва дигаре ба ҷой доштани ғалатҳои имлоиву китобатӣ ва техникӣ дахл доштанд. Бо дарназардошти эътирофи ин норасоиҳо ва бартараф намудани онҳо аз ҷониби муаллифи диссертатсия ҷаласаи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара диссертатсияи мазкурро аз ҷиҳати асолат ва муҳтаво чун кори илмии мукаммал ва анҷомёфта эътироф менамояд.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Ҷуракулзода Умрон Шодиқул дар мавзуи «Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо)» ба ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) мувофиқати комил дорад.

Диссертатсияи Ҷурақулзода Умрон Шодиқул дар мавзуи «Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иктисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо)» барои дарёфти дараҷаи номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) тавсия дода мешаад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласа кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара (суратмаҷлиси №5, аз 19-уми декабри соли 2023) қабул шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар докторон ва номзадони илм. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор – 15 нафар», «муқобил – нест», «бетараф – нест».

Раиси маҷлис, мудири кафедраи забон
ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Данғара
д.и.ф., профессор Саидҷаъфаров О.Ш.

Котиби илмӣ, номзади илми филология: Пирхонова Қ.

Имзои Саидҷаъфаров О.Ш. ва Пирхонова Қ.- ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

Суроға; 735320 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
кӯчаи Марказӣ 25
E-mail:ddd-ilm@mail.ru